**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 18.04.2024** **ш. Душанбе**

Суханронии Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи **« Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ »** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – **Салихов Шамсиддин Аслиддинович**, номзади илмҳои филологӣ, мудири бахши кор бо лоиҳаҳои инноватсионии раёсати илми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Нодирова Мавзуна Акбаршоевна**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Маҳмадаминов Абдулҳай, Суфизода Шодимуҳаммад, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Абдуллозода Масрур ва Мақсудов Бадриддинро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Валиева Ҳалима Субҳонқуловна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Б.

Иҷрокунандаи вазифаи
котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Муродӣ М.Б.

18.04.2024.